13 11 2018



**Мувофики Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи рӯзхои ид» дар мамлакат хамасола 16 - уми ноябр хамчун Рӯзи Президенти Чумхурии Точикистон чашн гирифта мешавад.**
**Тибки моддаи 64-уми Конститутсияи Чумхурии Точикистон, Президент хомии Конститутсия ва конунхо, хукуку озодихои инсон ва шахрванд, кафили истиклолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти макомоти давлатӣ ва хамкории онхо, риояи шартномахои байналмилалии Точикистон мебошад.**
Бояд зикр намуд, ки ханӯз 20-уми июли соли 1994, тахти № 974 Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ислохоти конститутсионӣ дар Чумхурии Точикистон, тартиби кабул намудан ва мавриди амал карор додани Конститутсияи (Сарконуни) Чумхурии Точикистон» кабул шуда буд. Моххои апрел ва июни соли 1994 баррасии умумихалкӣ оид ба лоихаи нави Конститутсияи Точикистони сохибистиклол гузаронда шуда, дар рафти

он лоихаи Конститутсия мавриди дастгирии васеи шахрвандони Чумхурии Точикистон карор гирифт, ки ин зарурати хар чи зудтар амалӣ сохтани ислохоти конститутсиониро дар мамлакат ба вучуд овард ва дар кӯтохтарин вакт бо рохи раъйпурсии умумихалкӣ кабул намудани Конститутсияи Чумхурии Точикистонро такозо намуд.
Шакли идораи президентӣ ва таъсиси мансаби Президенти Чумхурии Точикистон, ки дар лоихаи Конститутсияи Чумхурии Точикистон пешбинӣ гардида буд, аз тарафи аксарияти иштирокчиёни баррасии он маъкул дониста шуд ва ин имкон дод, ки барои тайёрӣ ва гузарондани интихоботи Президенти Чумхурии Точикистон кор чоннок карда шавад. Аз ин рӯ, 21-уми июли соли 1994, тахти № 1042 Конуни конститутсионии Чумхурии Точикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Чумхурии Точикистон» кабул гардид, ки он принсипхои гузарондани интихобот, таъйин, ташкил ва чамъбасти интихобот, инчунин, дигар масъалахои вобаста ба онро танзим намуд.      6-уми ноябри соли 1994 Президенти Чумхурии Точикистон дар интихоботи озоду шаффофи демократӣ бо тарафдории аксарияти интихобкунандагони ширкатварзида интихоб гардид ва 16 - уми ноябри соли 1994 дар Ичлосияи Шӯрои Олии Чумхурии Точикистон савганд ёд намуда, ба ичрои вазифа шурӯъ кард. Махз аз хамон рӯз, Президенти аз чониби халк интихобгардида ба ичрои фаъолияти президентӣ, ки Конститутсияи Точикистони сохибистиклол мукаррар намудааст, огоз намуд. Президенти тозаинтихоби Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон зимни суханронӣ дар Ичлосияи Шӯрои Олӣ пас аз маросими савгандёдкунӣ тазаккур доданд: «Президенти Чумхурии Точикистон кафили амалӣ гардидани Конститутсия мебошад. Ман ба хайси Президент шуморо бовар мекунонам, ки хифзи хукукхо, озодихои шахрвандон, тамомияти арзии чумхурӣ, вахдати миллӣ, сулху салохро дар чумхурӣ таъмин хохам кард».
Дастоварду комёбихои беназиру бебахои даврони сохибистиклолӣ далолат ба хидматхои бузургу арзишманди Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон мебошанд. Сарвари давлат Точикистони нав сохиби Истиклолияти давлатӣ гардидаро дар як муддати кӯтох дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, ба мардуми точик шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро мухайё сохтанд.
Дар огози сохибистиклолӣ дар Точикистони азизамон ходисаи мудхишу дахшатовар - чанги тахмилии шахрвандӣ  сар зад. Бо дасисабозии баъзе аз кудратхову гурӯххо ва душманону бадхохону хасудони миллати точик Точикистон ба коми оташи чанг кашида шуд. Хатари аз байн рафтани давлату миллат ба миён омад. Вале, хушбахтона, бо кӯшишу талошхои пайгирона ва захматхои шабонарӯзии Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон ва дастгириву пуштибонии мардуми сохибмаърифату сулхчӯйи кишвар дар як муддати кӯтох оташи чанг хомӯш, хавфу хатари парокандашавии миллат ва давлат рафъ гардид.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои расидан ба вахдати миллӣ ва тахкиму мустахкам намудани Истиклолияти давлатӣ машаккатхои зиёд кашида, борхо чон дар хатар гузоштанд, то ки миллати куханбунёду тамаддунофари точик ва давлати Точикистон аз вартаи таназзулу махвшавӣ рахо ёфта, сулх дар кишвар поянда бошад. Дар натича, мардуми баору номуси точдор ба дурандешиву олихимматӣ, кахрамонию шучоатмандӣ ва хирадмандиву суботкории Пешвои муаззами миллат эътимоду бовар намуданд ва аз ин шахсияти барчастаи таърихӣ пуштибонӣ карданд. Имрӯзхо кулли сокинони мамлакат зери парчами Истиклолияти давлатӣ ва сулху суботи комил дар фазои орому осудаи кишвари бихиштосоямон фаъолият мекунанд ва сарбаландона ба

сар мебаранд.
Дар партави сиёсати хирадмандонаву дурандешона ва созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои расидан ба се хадафи асосӣ: таъмин намудани истиклолияти энергетикӣ, рахоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озукаворӣ, ки натичаи рушду инкишофи диёри арчманди мо махсуб меёбанд, хушбахтона ва сарбаландона кадамхои устувор гузошта истодаем. Дур нест он рӯзхо, ки ба ин хадафхои неки худ пурра бирасем.
Эътироф ва арчгузорӣ бояд кард, ки Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон дар бунёди низоми давлатдории Точикистон, баркарорсозии сохти конститутсионӣ, тахкими Истиклолияти давлатӣ, ба даст овардани сулху вахдати миллӣ сахми беназир гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халкро аз чанги шахрвандӣ рахо бахшиданд, инчунин, дар рушди сиёсӣ, иктисодиву ичтимоӣ ва таърихиву фархангии давлати мустакили Точикистон хизматхои бузурги такдирсоз намуданд.
Хизматхои бузургу пурарзиши Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон бо унвони олии «Кахрамони Точикистон» кадр шуда, Конуни конститутсионии Чумхурии Точикистон «Дар бораи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат» кабул гардид. Метавон гуфт, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон меъмори давлатдории мустакили точикон, сулху вахдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувории чомеаи Точикистон мебошанд.
Бинобар ин, мо - халки шарафманди Чумхурии Точикистон бояд ба кадри сулху вахдат, оромию субот дар кишварамон, ки ба шарофати захмату талошхои Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва дастгирии тамоми мардуми худогоху худшиноси Точикистон ба даст омадаанд, бирасем ва дар атрофи Пешвои миллат муттахид бошему ба халку Ватан содикона хизмат намоем.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА, мушовири калони кумитаи Мачлиси намояндагони**
**Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон**
**оид ба конунгузорӣ ва хукуки инсон**